Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. 28 саҳ.).

Омӯзиши функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ яке аз масъалаҳои мубрами назарияи давлат ва ҳуқуқ маҳсуб ёфта, то кунун ҷанбаҳои алоҳидаи назариявию амалии он ба пуррагӣ ҳаллу фасл наёфтааст.

Бояд тазаккур дод, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳама давру замон падидаи муҳимми ҳуқуқӣ маҳсуб ёфта ва то инҷониб мубрамияти худро нигоҳ доштааст. Махсусан, қобили қайд аст, ки меъёрҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бидуни татбиқи онҳо амалӣ карда намешаванд. Ин шакли татбиқи меъёрҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро қонун ва санадҳои зерқонунӣ, шартҳои шартнома ва монанди инҳо муайян мекунанд, ки дар он соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар онҳо аниқ муайян кардани уҳдадориҳои тарафҳо, назорати давлатӣ ба инкишофи муносибатҳо, ба ин тараққиёт ҷорӣ намудани унсурҳои устуворӣ ва эътимоднокӣ махсусан зарур аст. Ин ҳолат аниқ муайян кардани лаҳзаи ба амал омадани ҷавобгарии ҳуқуқӣ, мазмуни он ва шахсонеро талаб мекунад, ки он ба зиммаи онҳо гузошта шудааст.

Бинобар ин, масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҳқиқгар Алиев И.И. рисолаи илмии худро дар ин хусус ба анҷом расонидааст, яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад ва натиҷаҳои

таҳқиқоти анҷомдодашуда барои илми назария давлат ва ҳуқуқ аз аҳаммияти калони илмиву назарӣ бархурдор аст.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботи ҷойдоштаро дар худ гунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Дар ин замина, як қатор нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро пешниҳод намудааст, ки онҳо барои такмили қонунгузории кишвар оид ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр пураҳаммият мебошанд. Рисоланавис таҳқиқоти илмии худро дар заминаи қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ анҷом дода, тавассути он роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳавиро дар самти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо то ҳадди зарурӣ ҳал намудааст, вале новобаста аз ин, ҳанӯз баъзе масъалаҳое дар ин самт ҷой доранд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд. Аз ҷумла:

1. Азбаски таҳқиқоти муҳаққиқ Алиев И.И. ба мавзуи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, баррасии мафҳумҳои “ҷавобгарии ҳуқуқӣ” ва “масъулияти ҳуқуқӣ”-ро зарур мешуморем. Зеро дар адабиёти илмӣ ва қонунгузории Россия ҳам ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ҳам масъулияти ҳуқуқӣ ба маънои “юридическая ответственность” истифода бурда мешавад. Аммо дар забони тоҷикӣ ин истилоҳҳо аз ҳамдигар фарқ карда мешаванд. Хубтар мешуд, ки муҳаққиқ дар ҷараёни ҳимояи ошкорои таҳқиқоти диссертатсионӣ фарқият ва таносуби мафҳумҳои “ҷавобгарии ҳуқуқӣ” ва “масъулияти ҳуқуқӣ”-ро шарҳ медод.

Мулоҳизаи мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозад ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда баҳснок мебошанд ва арзиши рисолаи илмиро кам наменамояд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Алиев Исмоил Исмонович ҳангоми таълифи диссертатсияи худ дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст.

Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Тақриздиҳанда:
Муовини сардори Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
подполковники милитсия Р.Р. Раҳмадҷонзода

"Имзои Раҳмадҷонзода Р.Р. - ро тасдиқ менамоям"
Муовини сардори Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
оиди кор бо ҳайати шахсӣ,
полковники милитсия Шарифзода М.С.
"12" 03 соли 2024

Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-01; факс: (+992 37) 226-60-43. Веб сомона: www.avkd.tj. E-mail: avkdtj@mail.ru